# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Маҳмадова Фарзона Абдураҳмоновна дар мавзуи «Музокироти сиёсӣ ва хусусиятҳои бевоситаи он дар ҳалли низоъҳои минтақавӣ (таҷрибаи кишварҳои Осиёи Марказӣ)» барои дарёфти унвони номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.4. – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ: инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ**

Мавҷудияти низоъҳои мухталиф ва имкони ба вуҷуд омадани онҳо дар ҷомеаҳои гуногун далели раднопазир мебошад. Дар ҳаёти ҷамъиятии ҳар як мамлакат мухолифатҳои зиёдеро дидан мумкин аст, ки онҳо дар ҳаёти ҳамарӯзаи одамон ва махсусан дар соҳаи сиёсат ба вуқуъ меоянд ва бо ивазшавии низоми сиёсӣ ба ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавии кишварҳо таъсири ҷиддӣ мерасонанд.

Интихоби мавзуи кори илмӣ - таҳқиқотӣ ва коркарди он дар замони соҳибистиқлолии кишварамон актуалӣ буда, он метавонад барои ба эътидол овардани шиддат ва ҳалли низоъҳҳои мухталифи минтақавӣ, байни давлатӣ ва локалӣ заминаи боэътимод гузошта, муҳиммияти мавзуро тасдиқ менамояд.

Омӯзиши ин падида ҳамчун василаи ҳалли низоъҳои сиёсӣ дар ҳаёти сиёсии ин минтақа беш аз пеш аҳаммият пайдо кардааст. Бар асоси ин, омӯзиши мушкилоти музокироти сиёсӣ ҳамчун роҳи пешгирӣ ва ҳалли низоъҳои минтақавӣ имрӯз дар кишварҳои Осиёи Марказӣ аҳаммияти хоса дорад.

Музокирот яке аз роҳҳои самаранок ва сермаҳсули таъсири идорӣ ба низоъҳои байнигурӯҳӣ аз ҷумла низоъҳои сиёсӣ мебошад, ки дар раванди татбиқи он тарафҳои муқобил мубодилаи афкор менамоянд, мавқеъҳои худро наздик мекунанд ва дар бораи роҳҳои танзими низоъ, тариқи гузашткунии дуҷониба ба созиш мерасанд.

Аз ин рӯ муаллифи рисола ба ҳадафи таҳқиқот аз тариқи таҳлил исбот кардааст, ки маҳз музокироти сиёсӣ ягона воситаест, ки тарафҳои

даргирро бо ҳам оварда, ба низоъ хотима бахшад ва раванди сулҳро барқарор намояд.

Муаллиф дар рисола сӯҳбат ва муколамаи сиёсии дарозмуддат дар байни тоҷикон ба падидаи "ваҳдати миллӣ" ҳамчун як сарвати боэътимоди маънавӣ мусоидат кардааст, ки кори худро анҷом дода, ҳамчун арзиши муҳим эътироф шудааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ҳаёти сиёсии бисёр кишварҳо муқоисаи ҷанг ва сулҳ, ваҳдат ва ҳамкории тарафҳои муқобил ва эҷоди ҳувият бештар хоси миллатҳо ва халқҳои бумӣ мебошанд. Аз ин рӯ, таҷрибаи Тоҷикистон дар ин соҳа хеле беназир ва воқеан сазовори эҳтиром аст.

Хизмати асосии муаллифи рисола дар он аст, ки ӯ дар асоси таҳлили маводҳои нави илмӣ, таҳқиқотҳои олимонӣ ватанию хориҷӣ мавзуи мавриди таҳқиқро асоснок намуда, дараҷаи омӯзиши онро муайян сохта, ба андозаи зарурӣ навовариҳоро мушаххас намуда, аҳаммияти назарӣ ва илмии рисоларо ошкор намудааст.

Навигарии диссертатсия иборат аз он аст, муаллиф то андозае, мақоми омили инсонӣ дар раванди музокироти сиёсӣ ҳамчун як объекти муҳими сиёсӣ дар ҳалли низоъ ва ба даст овардани созиш дар таҳқиқоташон нишон додааст. Инчунин аз ҷониби муаллиф аҳаммияти истифодаи дипломатия, ҳамчун навъи махсуси ҳалли низоъҳои сиёсӣ баррасӣ гардидааст.

Сохтори рисола, мантиқан ба танзим даровардани матолиб, усули таҳлил ва баёни маводи ба дастомада аз сарчашмаи бойгонӣ ва адабиёти илмӣ ба талаботе, ки барои сазовор шудан ба унвони номзади илми сиёсӣ муайян шудааст, ҷавобгӯй мебошанд.

Дар баробари ин ба назари мо дар рисолаи мазкур баъзе норасогиҳо ва камбудиҳо дида мешаванд:

1.Хеле хуб мешуд, ки агар диссертант дар зербоби аввали боби дуюм, ки "Раванди музокирот ҳамчун масири ҳалли низоъҳо дар

кишварҳои Осиёи Марказӣ" номгузорӣ шудааст, таҳлили бевоситаи ягон низоъи минтақавӣ ё байналмилалиро ҳамчун намунаи раванди музокирот ё миёнравиро дар ҳалли он нишон медододанд.

2. Дар автореферати дессертатсия баъзе хатогиҳои техникӣ ва имлоӣ дида мешаванд, вале ин норасогиҳо ба мазмуну мундариҷа ва сифати кори илмии муаллиф таъсир расонда наметавонад.

Автореферат матолиби рисоларо пурра инъикос намуда, корҳои мунташиршуда нишондиҳандаи ҷанбаҳои аслии таҳқиқот ба ҳисоб мераванд.

Хулоса, диссертатсияи Маҳмадова Фарзона Абдураҳмоновна дар мавзуи «Музокироти сиёсӣ ва хусусиятҳои бевоситаи он дар ҳалли низоъҳои минтақавӣ (таҷрибаи кишварҳои Осиёи Марказӣ)» ба талабот ва меъёрҳои муайяншудаи марбут ба диссертасияҳои номзадии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 5.6.4. – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ: инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ мебошад.

Профессори кафедраи таърихи умумии
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи
давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев»,
номзади илмҳои таърих: Алимшоев Мамадризо Мамадасанович

«20» майи соли 2026

Имзои номзади илмҳои таърих, профессор
Алимшоев М.М. - ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ МДТ
«ДДХ ба номи М. Назаршоев» Саидраҳмонов Н.С.

Суроға: 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хоруғ, кӯчаи Ш. Шоҳтемур 109,
МДТ «ДДХ ба номи М. Назаршоев»,
(83222) 2- 45- 79, (83222) 2-22-48
E-mail: khorog@mail.ru